ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.03.2026, №9

Барои сазовор донистани Мадизода Умеда Муҳаббат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) бо протоколи №23, аз 15-уми декабри соли 2025 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025, таҳти №206/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мадизода Умеда Муҳаббат 18-уми апрели соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Мадизода Умеда Муҳаббат соли 2007 ба факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси «Муаллими забони олмонӣ» хатм кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мадизода У.М. бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 30.12.2021 таҳти рақами №5/4-5 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории донишкада қабул гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Қосимзода Солеҳ Салим.

Муқарризони расмӣ:

– Ашурова Нодира Ҷумъаевна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

– Султонмамадова Умеда Алимамадовна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва хуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёти классикӣ Ҳоҷиев Абдуфаттоҳ Қосимович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ Тоҷизода Шарифҷон Ғайбулло, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии Донишгоҳи мазкур Азизов Сорбон Саъдуллоевич пешниҳод шудааст ва бо имзою муҳри ректори муассиса – номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода Мирзотоҳир Сайфиддин тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумор 4-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-А]. Мадиева, У.М. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиш ва таҳаввули татаббуъ / У. М. Мадиева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2024. – №4 (278). – С.306-313.

[2-А]. Мадиева, У.М., Қосимзода, С.С. Истиқбол аз шеъри Фаррухӣ ва мухтассоти ҳунарии он [Матн] / У.М. Мадиева, С.С. Қосимзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (114). – С.129-137.

[3-А]. Мадиева, У.М. Татаббуоти қасидаҳои Унсурӣ ва моҳияти ҳунарии онҳо [Матн] / У. М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – №2 (58). – С.287-294.

[4-А]. Мадизода, У.М. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он (дар мисоли татаббуоти Рашиди Ватвот, Саноӣ ва Саид Ҳасани Ғазнавӣ) [Матн] / У.М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлалии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – №5 (118). – С.214-221.

II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-А]. Мадиева, У.М. О рифме как важнейшем факторе стихосложении [Текст] / У.М. Мадиева // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции: «Русский язык в современном образовательном и научном пространстве» в рамках реализации «Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года», 18 февраля 2025 г. – Душанбе, 2025. – №2 (58). – С.155-158.

[6-А]. Мадизода, У.М. Нигоҳе ба маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ [Матн] / У.М. Мадизода // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Боқӣ Раҳимзода ва муҳити адабии садаи ХХ». – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – С.227-231.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи Юсупова Зарина Розиқовна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мусбат буда, диссертатсияи Мадизода Умедаро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эрод пешниҳод нашудааст.

2. Тақризи Сайфуллоева Зулайхо Абдулҳамидовна – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон низ мусбат буда, таҳқиқоти диссерататсионии унвонҷӯро аз нигоҳи илмӣ пуразриш муаррифӣ намудааст ва нуктаҳои зеринро барои беҳтар шудани сифати рисола пешниҳод намудааст:

– матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан, сарфи назар шудаанд;

– дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 1, 4, 5, 7, 14, 18, 19, 20, 23).

– беҳтар мешуд, агар муаллиф дар автореферат матни аннотатсияҳоро андаке пурратар мекард.

3. Тақризи Мустафозода Нафиса – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон низ мусбат буда, рисолаи диссертант Мадизода Умеда Муҳаббатро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– дар феҳристи адабиёт, чунонки ба назар расид, 45 китоб мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба назари ин ҷониб, рӯйхати адабиёти овардашуда хеле хуб буда, аммо дар қисмати сарчашмаҳо мебоист, китобҳои

зикршуда низ аз рӯйи талабот мисли қисмати адабиёти илмӣ навишта шаванд.

– баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дар автореферати диссертатсия ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд (саҳ. 11, 13, 14, 16 ва ғайра).

4. Тақризи Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановна – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ мусбат буда, рисолаи унвонҷӯ Мадизода Умеда Муҳаббатро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– дар навиштани номи бархе аз шоирону адибон ва вожагону истилоҳот баъзан духӯрагӣ ба чашм мерасад, шояд бархеи онҳо дуруст бошанд, лекин яксон омадани онҳо дар автореферати диссертатсия ва худи диссертатсия ба манфиати кор аст; масалан: Рашидаддин, Рашиддадин, Рашид; Сайид Ҳасан, Саид Ҳасан; татаббуот, татаббуъот, татабуот;

– дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла дар саҳифаҳои 9, 13, 17, 22, 24, 27.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– унвонҷӯ Мадизода Умеда Муҳаббат маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъро дар асоси маводди дастрас, аз ҷумла дар асоси сарчашмаҳои илмӣ, ки аз ҷониби адабиётшиносон таҳқиқ шудаанд, **муайян ва мушаххас намудааст.**

– диссертант ошкор намудани заминаҳои таърихӣ ва авомили таъсиргузори пайдоиш ва таҳаввули татаббуоти адабиро мавриди таҳлил қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас **даст ёфтааст.**

– мушаххас намудани нақши баъзе шоирон, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва Асҷадӣ дар ташаккули татаббуъ аз ҷониби Мадизода Умеда **таъйид шудааст.**

– диссертант бо баррасии тамоюлоти мусбат ва манфӣ дар раванди инкишофи татаббуъ андешаҳои адабиётшиносонро ҳамаҷониба омӯхта, дар мушаххас намудани мисраҳои шеъри татаббуӣ **саҳм гузоштааст.**

– Мадизода Умеда Муҳаббат шинохт ва арзёбии мухтассоти ҳунарии татаббуоти шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳро ҳамчун масъалаи муҳим дар адабиётшиносии классикӣ **муаррифӣ намудааст.**

– диссертант таъйини хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеиву сабкии татаббуоти давраи мавриди таҳқиқро аз нигоҳи адабиётшиносии тоҷик дар заминаи асарҳои бунёдӣ **арзёбӣ кардааст.**

– аз ҷониби диссертант сатҳи пайравии шоирони давраи баъдиро аз шеъри сармашқ **равшан таҳқиқ гардидааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Е. Э. Бертелс, Б. Я. Шидфар, А. Б. Куделин, З. Сафо, Б. Фурӯзонфар, М. Баҳор, А. Зарринкӯб, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сатторзода ва дигарон

шакл додааст. Ҳамзамон, сайри таҳаввули татаббуъ ва нақши шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ дар такмили сохтори мундариҷавию бадеии он, мухтассоти татаббуоти онҳо аз қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ, таҷриба ва ҳунари шоирӣ дар эҷоди татаббуъ ва равишҳои пайравии шоирон аз ҳамдигар ҷузъи муҳимми ҷараёни инкишофи шеъри форсии тоҷикӣ буда, таҳқиқи бамуддао ва моҳиятҷӯёнаи ин масъала холигоҳеро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ пур ва арзиши назариву амалии **таҳқиқотро муайян менамояд.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад, зимни нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули татаббуъ, таҳияи маводди таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода кардани китоби дарсӣ аз таърихи адабиёт барои таълимгоҳҳо, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз назария ва амалияи татаббуъсароӣ дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии мамлакат мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи рисола метавонад, дар эҷоди корҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва масъалаҳои назарии адабиёт **мавриди истифода қарор гирад.**

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва масъалаҳои дар он дарҷгардида бо низоми муайяни пажуҳишӣ, бар пояи назария ва дастовардҳои илмӣ ҳаллу фасл ёфта, натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти мавзуъ дар маҳфилу чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳои илмии сатҳи гуногун, мизҳои мудаввар ва монанди инҳо дар шакли гузориш, мақола ва маърузаи илмӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **манзур карда шудааст.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар омӯзиш ва баррасии амиқи мавзуи мазкур ҷамъоварии маводди сарчашмаҳои таърихию адабии алоқаманд ба мавзуъ, коркарди қиёсӣ ва арзёбии ҳаматарафаи онҳо, омӯзиши қиёсии назарияи донишмандони соҳа дар ин боб, омода намудани мақолаву маърузаҳо ва монография доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи комил ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 04-уми марти соли 2026 дар бораи сазовор донистани Мадизода Умеда Муҳаббат ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар, 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – мутахассисон аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 –

Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) 6 – нафар ва аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) 5 – нафар.

Аз 11 нафар аъзои иштирокдошта дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

04.03.2026